**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Шоҳмуҳаммад Сафар дар мавзуи «Синтез ва хосиятҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ)пешниҳод гардидааст.

Айни ҳол олимони соҳаи химияи органикӣ ва биоорганикӣ бештар ба синтези моддаҳои фаъоли биологӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Дар байни синфҳои пайвастагиҳои органикӣ синфи пайвастагиҳои гетеросиклӣ ҷойи махсусро ишғол кардааст, ки бештари онҳои хусусиятҳои баланди биологиро зоҳир менамоянд. Дар байни пайвастагиҳои гетеросиклӣ гетеросиклҳои панҷузваи ду гетероатомдоштаи 1,3,4-тадиазол, ки дорои спектори васеъ ва хосияти баланди биологиро доро мебошанд, ки дар соҳаҳои гуногун азҷумла дар соҳаи тиб, тиббӣ-бойтори, кишоварзӣ ва дорусозӣ васеъ истифода мебаранд. Яке аз ҳосилаҳои муҳими 1,3,4-тиадиазол ин пайвастагиҳои бисиклии имидазо[2,1-b][1,3,4]тиадиазол ба шумор меравад,ки дорои фаъолияти физикокимиёвӣ ва биологии васеъ дошта дар бисёр соҳаҳо истифода мешаван. Пайвастагиҳои мазкур дар соҳаҳои тиб, биология, тибби бойторӣ ва кишоварзӣ васеъ истифода мешаванд. Бисёри ҳосилҳои бисиклии имидазо[2,1-b][1,3,4]тиадиазолӣ, ки хосиятҳои баланди биологиро зоҳир менамоянд, ки бештари онҳо дар табобати бемориҳои сил, илтиҳобӣ ва бактериявӣ васеъ истифода мешаванд. Сохтори левимазол, ки аз зумраи ҳосилаҳои имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазолӣ мебошад, дорои таъсири имунноимунӣ, дошта дар соҳаи тибб васеъ истифода мешавад.

Кори ба анҷомёфтаи диссертатсионии Ш.С. Сафарзода ба синтез ва омӯзиши химиявӣ, физикавӣ ва биологии ҳосилаҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол, ки дар асоси реаксияи сиклизатсияи

2-амино-5-бром 1,3,4 тиадиазол ва параметилфенатсилбромид ҳосил шудааст бахшида шудааст.

Натиҷаҳои асосии кори диссертасионии Ш.С. Сафарзода дар он аст, ки муаллиф тавонистааст пайвастагии 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазолро синтез намуда, қонунияти вобастагии байни сохт ва хосиятҳои химиявӣ, физикӣ ва фаъолияти биологии ҳосилаҳои 6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазолро дар шароитҳои *in silico, in vitro ва in vivo,* ки фаъолияти баланди зиддитуперкулёзӣ, зиддидиабетӣ, зиддибактериявӣ ва зиддимикробиро зоҳир менамоянд ба пурраги омухтааст.

Мувофиқи автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки кори диссертатсионии Сафарзода Ш. С., дар дараҷаи дурусти таҷрибавию назарияви иҷрокарда шудаанд, инчунин хулосаҳои баровардашуда бо эътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳои автореферати диссертатсия аз норасоиҳо, ва эродҳоеки ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест. Эродҳо чунинанд:

1.Дар кори муаллиф механизми реаксияи ҷойгирии нуклеофилӣ бо аминҳои якума нишон дода нашудааст, хуб мешуд, ки реаксияҳоро ба синфҳо ҷудо карда механизмашонро ба пурраги меовард.

2. Муаллиф фаъолияти зиддибактериявии баъзе аз пайвастагиҳои синтезнамудаашро наомухтааст, аз шумораи 40 номгуйи пайвастаҳои ҳосилшуда танҳо 12 ададашро омӯхтааст.

Ногуфта намонад, ки камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии корро коста намегардонанд.

Дар умум, автореферати кори диссертатсионии Сафарзода Ш.С., дар мавзуи «Синтез ва хосиятҳои 2-бром-6-(пара-толил)имидазо[2,1-b][1,3,4]-тиадиазол», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ) пешниҳод шудааст, кори илмии баитмом

расида мебошад. Аз ҷиҳати ҳаҷм, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навоварӣ ба тамоми талаботи «Низомнома дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 №295 барои рисолаҳои докторӣ тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D060600-Химия (6D060604 - Химияи органикӣ ва 6D060612 - Химияи биоорганикӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои биологӣ,
Дотсенти кафедраи химияи органикӣ
ва биологии ДДБ ба номи Н. Хусрав Пиров Ғ. З.

Суроға: 735151, н. Кӯшониён вилояти Хатлон
с/қ Заргар.
Тел.: (+992) 889274141,
E-mail: pirov gafor @mail bk.ru

«_7___» ___04___ соли 2026

Имзои Пиров Ғ. З. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Н.Хусрав Нажмиддинов М.М.

Суроға: ш.Бохтар ДДБ ба номи ,
Н.Хусрав, кӯчаи Айнӣ 67.
Тел.: (+992) 103261717,

«__7__» __04__соли 2026